**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

"29" 05 соли 2023 № 113/ОИ ш. Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4, 9 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4, 5 сархати 1 бандҳои 38 ва 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 7 (ҳафт) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикршуда шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории ҳафт адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки барои дар мӯҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори шуроҳои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6.

Раис Розиқзода А.

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 05 соли 2023, № 148/ӯи

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии дотсент, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода мешаванд

| Р/Т | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти унвони илмии дотсент | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии дотсент ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Ахмедова Нусрат Қодировна | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Забоншиносӣ» |
| 2. | Бобоқулов Ҷумахон Алиевич | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Адабиётшиносӣ» |
| 3. | Кенҷаева Рано Ҳамроевна | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» |
| 4. | Қосимзода Солеҳ Салим | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи ихтисоси « Адабиётшиносӣ » |
| 5. | Султонов Абдулло Бобоқулович | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» |
| 6. | Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» |
| 7. | Шарифиён Муқаддас Холиқзода | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Педагогика» |